АГЕНТИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОРХОНАИ ВОҲИДИ
ДАВЛАТИИ
"ТОҶИКАЭРОНАВИГАТСИЯ"

АГЕНТСТВО ГРАЖДАНСКОЙ АВИАЦИИ
ПРИ ПРАВИТЕЛЬСТВЕ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ
ПРЕДПРИЯТИЕ
"ТАДЖИКАЭРОНАВИГАЦИЯ"

# ФАРМОИШ

# ПРИКАЗ

11. 05. 2022 ш. Душанбе № 115/а

Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи
идоравии зиддикоррупсионӣ барои
солҳои 2022-2030 ва нақшаи чорабиниҳои
иҷрои он дар соли 2022

Бо мақсади дар корхона амалисозии самараноки мақсад ва вазифаҳои дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегия) пешбинигардида ва иҷроиши банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №222 аз 03.08.2021 тасдиқ гардидаанд,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ барои солҳои 2022-2030 (замимаи 1) ва Нақшаи чорабиниҳои иҷрои он дар соли 2022 (замимаи 2) тасдиқ карда шаванд.
2. Корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандони Корхона оид ба дарки моҳият ва ҳадафҳои ин санади миёнамуҳлати барномавӣ дуруст ба роҳ монда шавад.
3. Ҳама шахсон ва сохторҳои масъул бахри иҷроиши ҳадафу вазифаҳои дар Барнома ва нақшаи чорабиниҳо дарҷгардида чораҷӯӣ карда, онҳоро саривақт ва босифат иҷро ва аз натиҷааш маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.
4. Масъулияти таъмини иҷрои Стратегияро дар корхона ва назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба худ вогузор менамоям.
5. Муҳтавои фармоиш ба шахсони дахлдор расонида шавад.

*Асос: мактубҳои Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати ҶТ №1(5)-229 аз 31.03.2022 ва №1(5)-242 аз 07.04.2022.*

Директори генералӣ Бегиҷонзода Л.Б.

## Корхонаи воҳиди давлатии
## «ТОҶИКАЭРОНАВИГАТСИЯ»

Бо фармоиши директори генералии

КВД «Тоҷикаэронавигатсия»

аз «11» 05 соли 2022, № 115/а

тасдиқ шудааст

# Б А Р Н О М А И
## идоравии зиддикоррупсионӣ
## барои солҳои 2022-2030

| Тартиб дод | Вазифа | Ному насаб | Имзо | Сана |
|---|---|---|---|---|
| | Сардори ШШҲ | Изатуллоев Ш.М. | | 03.05.22 |
| Мувофиқа | муовини аввали ДГ | Шодмонбекзода Д.Ш. | | 11.05.22 |
| | Муовини ДГ | Саидзода Р.Қ. | | 11.05.22 |
| | Роҳбари дастгоҳи ДГ | Гулаков З.А. | | 10.05.2022 |
| | Сармуҳосиб | Назриев Ҷ.О. | | 11.05.2022 |
| | Сардори РКваМ | Хоҷаев О.Ф. | | 10.05.22 |

Мундариҷа

Муқаддима ........ 3

1. Мақсад ва вазифаҳои Барнома ........ 4
2. Мухлат ва марҳилаҳои асосии татбиқи Барнома ........ 5
3. Чорабиниҳои пешбининамудаи Барнома ........ 5
4. Маблағгузории Барнома ........ 6
5. Татбиҷи Барнома ва мониторинги он ........ 6
6. Натичаҳои ниҳоӣ аз татбиқи Барнома ........ 6
7. Механизми татбиқи Барнома ........ 7

## Муқаддима

Коррупсия, ришвахӯрӣ рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, болоравии иқтисодиёт ва некуаҳволии иҷтимоиро бозмедорад, аз ин рӯ, итминони шаҳрвандонро ба давлат коста мегардонад, умедҳои ҷавононро ба оянда коҳиш медиҳад, табақаҳои ниёзманди аҳолиро аз расидан ба рӯзи нек маҳрум мекунад.

Коррупсия ба проблемаи ба амнияти миллӣ таҳдидкунанда мубаддал гардидааст. Иқтисодиёти ниҳонӣ вусъат ёфта, дар натиҷа қисми даромаднокии буҷет аз ҳисоби кам ворид гардидани андозҳо ва самаранокии фишангҳои давлатии идоракунӣ коҳиш меёбад, ки ин ба тезутунд гаштани проблемаҳои иҷтимоӣ бинобар иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои буҷавӣ оварда мерасонад ва маблағҳои буҷетӣ самаранок истифода бурда намешаванд, бахусус ҳангоми тақсимоти давлатии қарзҳо ва фармоишҳо, хариди мол ва хизматрасониҳо, ки дар ниҳояти кор проблемаҳои буҷавии кишварро афзун менамояд, нархҳои фурӯши чакана ва яклухт аз ҳисоби хароҷотҳои иловагии коррупсионӣ, яъне санҷишҳои назоратии беасос гарон мегарданд, ки ин ба бадшавии ҳолати моддии истеъмолкунандагон, иқлими сармоягузорӣ ва пастравии истеҳсолот оварда мерасонад, ба болоравии сатҳи камбизоатии қисми зиёди аҳолӣ мусоидат намуда, ба тақсимоти дороиҳо ба манфиати гурӯҳҳои алоҳида оварда мерасонад. Дар шуури ҷамъиятӣ тасаввурот дар бораи беҳимоягии шаҳрвандон дар назди ҷинояткорӣ ва мақомоти давлатӣ ташаккул меёбад, ки ин ба косташавии минбаъдаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ оварда мерасонад.

Аз ин рӯ, коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, омӯзиши ҷиддӣ ва мунтазам, муносибати махсус, муқобилияти маҷмӯӣ ва фавриро талаб менамояд. Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, боварии шаҳрвандон ба институтҳои давлати демократӣ таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд, ки бояд воситаи муттаҳидсозии саъю кӯшиши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад.

Муқовимат ба коррупсия иродаи қатъии роҳбарияти сиёсии мамлакат бо мақсади расидан ба тавофуқи байни ҳамаи қувваҳои солимфикри ҷамъият, вусъати ботадриҷ ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати мубориза бо коррупсия мебошад, ки аз маҷмӯи чораҳои ҳаматарафа ва пешгирикунанда дар таъмини ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати созандагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатиро ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба

миён омадани ҳолатҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, бартарафсозии оқибатҳои номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешрафти иқтисодиёт ва таъмин намудани амнияти кишварро дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат ҳисобида, дар чанд соли охир корро дар ин самт хеле тақвият бахшидааст.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта то ин муддат се санади барномавии дурнамо, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №34 аз 26.01.2008 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1504 аз 30.08.2013 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» қабул карда шуданд.

Бо иҷрои талаботи нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияҳои номбурда ҷиҳати тақвияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми кирдорҳои коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин кирдорҳо заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шуд.

Мӯҳлати амали «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1504 аз 30.08.2013, тасдиқ карда шудааст, ба итмом расид. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар давраи амалисозӣ Стратегияи мазкур барои паст кардани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Санади навбатии маҷмуиву барномавӣ – Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармоин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №222 аз 03.08.2021 тасдиқ гардидааст (минбаъд – Стратегия), ҳамчун барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

Чорабиниҳои дар Стратегия пешбинишуда ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷиноятқорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои тадқиқотҳои илмию амалияи муқовимат ба коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 181 ва 182-и «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар КВД «Тоҷикаэронавигатсия» барои солҳои 2022-2030 (минбаъд-Барнома) таҳия

мегардад. Ҳамчунин бахри иҷроиши Стратегия ва Барномаи мазкур Нақшаи чорабиниҳои иҷрои Барнома оид ба татбиқи Стратегия дар фосилаи солҳои 2022-2023 омода гардидааст.

## I. Мақсад ва вазифаҳо

Мақсади Барнома ташаккули низоми самараноки хизмат, баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии кормандон, таҳкими интизоми хизматӣ, шаффофияти фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, ташаккул додани маданияти ҳуқуқии кормандон, таҳкими одоби касбӣ, ташаккули муҳити оштинопазирӣ ба зуҳуроти коррупсионӣ, пешгирии коррупсия дар корхона ва боз ҳам баланд бардоштани нақш ва нуфузи корхона дар ҷомеа мебошад.

Вазифаҳои Барнома инҳо мебошанд:

- муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва хуруҷ ёфтани қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ;
- таҷлили истифодаи мақсадноки маблағҳо ва пешгирии ҳолатҳои хароҷоти ғайриқонунӣ ва ғайримақсаднок;
- назорати раванди хариддорӣ намудани таҷҳизоту технология ва молу маҳсулот тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- таҳияи тадбирҳое, ки ба таъмини шаффофияти фаъолияти шахсони масъул равона карда шудаанд;
- таҳлили шаклҳои зоҳиршавии вайронкунии интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар корхона;
- муайян намудани сабабу шароитҳои ба содиркунии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда (таҳлили хавфҳои коррупсия);
- таҳия (такмил)-и чораҳои таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар корхона.

## II. Муҳлат ва марҳилаҳои асосии татбиқи Барнома

Барнома дар солҳои 2022-2030 татбиқ мегардад.

Марҳилаҳои татбиқи Барнома тибқи Нақшаи чорабиниҳои иҷрои Барнома оид ба татбиқи Стратегия дар фосилаи солҳои 2022-2023 муқаррар карда мешавад.

## III. Чорабиниҳои пешбининамудаи Барнома

Омили риоя нашудани интизоми хизматӣ баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, дахолат ба фаъолияти ташкилоту хоҷагиҳо ва муносибатҳои шахсии шаҳрвандон, ин нокифоягии танзими ҳуқуқии интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия мебошад.

Нокифоягии донишҳои кормандон доир ба асосҳои одоби хизматӣ ва дарки коррупсия, аз ҷумла моҳияти бархӯрди манфиатҳо, роҳҳои пешгирӣ ва баромадан

аз ҳолатҳои ба бархӯрди манфиатҳо вобастабуда, ба назар нагирифтани манфиатҳо ҳангоми қабул ба кор ва таъин намудан ба вазифа, рад кардани қабули тӯҳфа ва дигар омилҳои муҳим низ ба рӯй додани падидаҳои коррупсионӣ дар корхона роҳ мекушоянд.

Барои ҳалли вазифаҳои Барнома чорабиниҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти корхонаро дар самти интизоми хизматӣ, иҷроия, одоби касбӣ, тартиби қабул ба кор, таъин намудан ба вазифа, ҷойивазкунии кадрҳо (ротатсия), аттестатсияи кормандон ба танзим медароранд;

- татбиқи чорабиниҳо вобаста ба мукаммалгардонии идоракунии муносиб, омӯзиш, дарки хавф ва пешгирии коррупсия, сиёсати зиддикоррупсионии корхона, поктинатӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, одоби касбии корманди корхона;

- такмили таҳсили (тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ) кормандони корхона;

- фароҳам овардани шароити моддию техникӣ барои фаъолияти самараноки кормандон;

- андешидани тадбирҳои иловагӣ ва муфид ҷиҳати тарбияи кадрҳо, риояи интизоми хизматӣ, иҷроия ва маърифати зиддикоррупсионии кормандон;

- ҳангоми қабул, интихоб, ҷобаҷокунӣ ва ҷойивазкунии кормандон, баҳодиҳӣ ва арзёбии воқеии шахсияти номзадҳо, пешрафти хизматӣ, ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи ҷазои интизомӣ, адолати иҷтимоӣ, баҳисобгирии фикри коллектив ва афзалияти сифатҳои ахлоқӣ, инчунин риояи талаботи Оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои корхона бояд дар мадди аввал гузошта шуда, вазифаҳои роҳбарикунанда ва масъули корхона бо кормандони ботаҷриба ва дорои тахассуси баланди касбӣ пурра карда шаванд;

- беғаразии шахсӣ ва ба назаргирии манфиатҳои корхона ҳангоми интихоби молрасону пудратчиён зимни хариди мол, кор ва хизматрасонӣ, риояи қонунгузории хариди мол, кор ва хизматрасонӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии корхона дар ин самт;

Назорати дохилӣ дар ин самтҳо бояд тариқи мушоҳидаҳои рӯзмарра аз ҷониби корманди сатҳи дахлдор, санҷишҳои ногаҳонӣ ва нақшавӣ аз ҷониби роҳбарони болоӣ ба роҳ монда шаванд.

- ба вазифаҳои масъул таъин кардани шахсоне, ки донишу малакаи зарурӣ, таҷриба ва қобилияти ташкилотчигӣ доранд;

- воқеъбинона ва холисона гузаронидани аттестатсияи кормандон;

- эътинои саривақтӣ ба хабару маълумот дар бораи зуҳуроти коррупсионӣ дар корхона, ҳолатҳои дағалии кормандон ё муносибати ғайрихолисонаи онҳо, муросокорӣ ба вайронкунии интизоми меҳнатӣ аз ҷониби зердастон, хотирбинӣ ҳангоми гузаронидани санҷишҳои хизматӣ ва татбиқи ҷазои интизомӣ;

- гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар воҳидҳои сохторӣ.

## IV. Маблағгузории Барнома

Иҷрои тадбирҳои Барнома, ки хароҷоти молиявиро талаб менамояд, дар доираи маблағҳои корхона амалӣ карда мешавад.

## V. Татбиқи Барнома ва мониторинги он

Мақсади таъмини иҷрои Барнома ва чораҳои дар он пешбинишуда дар Нақшаи тадбирҳо дақиқ ва мушаххас карда шуда, мӯҳлатҳои иҷрои онҳо ва шахсони мутасаддӣ муайян карда мешаванд.

Татбиқи Барнома аз ҷониби шахсони масъул ва воҳидҳои сохтории корхона таъмин гашта, мониторинги онро шахсони мутасаддӣ барои иҷрои чорабиниҳо оид ба татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 дар корхона мегузаронад.

Филиалҳо ва раёсату шуъбаҳои корхона ҳар нимсола ҳолати иҷрои Барномаро на дертар аз 15-уми июн ва 15 декабри ҳар сол ба директори генералии корхона ахбороти муфассал ирсол менамоянд.

## VI. Натиҷаҳои ниҳоӣ аз татбиқи Барнома

Натиҷаҳои ниҳоие, ки аз татбиқи Барнома бармеоянд, инҳоянд:

- фаъолияти меҳнатии кормандони корхона дар асоси дастурамалҳои вазифавӣ ба роҳ монда мешавад;
- иҷрои босифати уҳдадориҳои вазифавии кормандон таъмин мегардад;
- барои шаффоф ва таҳти назорати мақомоти дахлдор фаъолият намудани корхона замина фароҳам оварда мешавад;
- самаранокии сиёсати кадрӣ бо мақсади сифатан беҳтар намудани ҳайати кадрӣ таъмин карда мешавад.

## VII. Механизми татбиқи Барнома

Механизми асосии татбиқи Барномаи мазкур аз инҳо иборат аст:

- такмили низоми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони корхона;
- ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии иттилоотӣ бо роҳи иттилоотикунонии ҳама самтҳои фаъолияти корхона бо гузариш ба муомилоти электронии ҳуҷҷатҳо (ҳукумати электронӣ);
- чорабиниҳои ташкилӣ оид ба татбиқи Барнома.

Барнома тавассути Нақшаи чорабиниҳои иҷрои Барнома оид ба татбиқи Стратегия дар фосилаи солҳои 2022-2023 амалӣ карда мешавад.